Ҳеҷ бандае (айби) бандаеро дар дунё намепӯшонад, магар ин ки Худованд рӯзи қиёмат (айбҳо ва гуноҳони) ӯро мепӯшонад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳеҷ бандае (айби) бандаеро дар дунё намепӯшонад, магар ин ки Худованд рӯзи қиёмат (айбҳо ва гуноҳони) ӯро мепӯшонад."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки мусалмоне бародари мусалмони худро дар коре аз корҳои дунё намепӯшонад, магар ки Худованд рӯзи қиёмат ӯро мепӯшонад. Подош аз ҷинси амал аст. Пӯшонидани Аллоҳ Таъоло ӯро, пӯшонидани нуқсонҳо ва гуноҳҳояш аст, ки аз чашми мардум дар саҳнаи қиёмат махфӣ мемонад ва мумкин аст ки Худованд аз ҳисобу китоби онҳо бигзарад ва барояш ёдоварӣ накунад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3777